ПРОТОКОЛИ №15
маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 12-уми июни соли 2026 ш. Душанбе

Дар маҷлис иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

Раиси шуро: д.и.к., профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур

Дар маҷлиси имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 25.04.2025 фармоиши №175/шд, тасдиқ шудааст, 15 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори шуро кӣ чӣ гуна пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки ба кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи “Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.к., профессор Маҳмадёрзода У.М., котиби илмии шуро, н.и.к., дотсент Боймуродов Р.Б. ва аъзоёни шуро д.и.к., профессор Набиев Т.Н., д.и.к., профессор Норов М.С., д.и.к., профессор Каримов М. Пас аз муҳокима нисбати диссертатсия,

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи “Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии шуро дар ҳайати зерин муайян карда шавад:

- доктори илмҳои кишоварзӣ Қодиров Қ.Ғ., аъзои шурои диссертатсионӣ;

- доктори илмҳои кишоварзӣ Бобохонов Р.С., аъзои шурои диссертатсионӣ;

- номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи агрохимияи Институти хокшиносӣ ва агрохимияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Атахонова М.Д.

3. Ба комиссияи экспертии шуро супориш дода шавад, ки тибқи муқаррароти банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) хулоса пешниҳод намоянд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қонибдорӣ гардид**.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.к., профессор Маҳмадёрзода У.М.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.к., дотсент Боймуродов Р.Б.

Имзои Маҳмадёрзода У.М. ва Боймуродов Р.Б.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.